Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-O18-H назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 17)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» бо асосҳои зерин ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст, мутобиқ мебошад:

1. Шуури ҳуқуқӣ яке аз ҷузъҳои асосии фарҳанги ҳуқуқӣ буда, он дар ҳамбастагӣ бо ин мавзуъ дар назарияи давлат ва ҳуқуқ омӯхта мешавад. Фарҳанги ҳуқуқии ҷомеа як ҷузъи фарҳанги умумӣ буда, низоми арзишҳое мебошад, ки инсоният дар соҳаи ҳуқуқ ҷамъ кардааст ва бо воқеияти ҳуқуқии ҷомеаи мазкур алоқаманд аст: сатҳи шуури ҳуқуқӣ, низоми қонуният ва тартибот, вазъи қонунгузорӣ, вазъи амалияи ҳуқуқӣ ва ғайра. Дараҷаи баланди маърифати ҳуқуқӣ нишондиҳандаи пешрафти ҳуқуқӣ мебошад. Маданияти ҷомеа натиҷаи фаъолияти иҷтимоию ҳуқуқии шахсон, гурӯҳҳо ва дигар субъектҳои ҳуқуқӣ буда, ҳамчун нуктаи ибтидоӣ, асоси ин гуна фаъолият ва умуман маърифати ҳуқуқии шахс баромад мекунад.

2. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун мавзуи омӯзиши назарияи давлат ва ҳуқуқ мавзуҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

- мавҷудияти донишҳои ҳуқуқӣ, иттилооти ҳуқуқӣ. Огоҳӣ як воситаи муҳимми ташаккули шахсияти аз ҷиҳати ҳуқуқӣ баркамол (бури зеҳнӣ) буд ва боқӣ мемонад;

- табдил додани иттилоот ва донишҳои ҳуқуқии ҷамъшуда ба эътиқоди ҳуқуқӣ, одатҳои рафтори қонунӣ (намуди эмотсионӣ ва равонӣ);

- тайёр будан ба амал кардан бо назардошти ин донишҳои ҳуқуқӣ ва эътиқоди ҳуқуқӣ, яъне қонунӣ амал кардан - тибқи қонун аз ҳуқуқҳои худ истифода бурдан, ухдадориҳоро иҷро кардан, манъкуниҳоро риоя кардан, инчунин дар ҳолати ҳуқуқвайронкунӣ ҳифз карда тавонистан.

3. Ин унсур дар дараҷаи азхудкунии (изҳори дониш ва фаҳмиши) ҳуқуқ аз ҷониби шаҳрвандон ва шахсони мансабдор, таваҷҷӯҳ ба риояи мамнӯъҳо, истифодаи ҳуқуқ ва иҷрои ӯҳдадориҳо ифода меёбад. Ҳар як субъект даъват карда мешавад: дарк намояд, ки ҳуқуқ дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ арзиш аст; ҳар шахс на танҳо қонунро донад, балки маънои онро фаҳмад, қоидаҳои алоҳидаи қонунро шарҳ дода тавонад, мақсади онро фаҳмад, доираи амалро муайян кунад; донишҳои ҳуқуқии гирифтаашро дар амал татбиқ карда тавонанд, қонунро барои ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии худ истифода барад; дар вазъияти мураккаби ҳуқуқӣ рафтор карда тавонистан ва ғайра мебошад.

Вобаста ба проблемаҳои шуури ҳуқуқӣ дар умум ва дар самтҳои алоҳидаи субъектони ҳуқуқтатбиқкунӣ дар илми таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ амалӣ намудани таҳқиқотҳои илмӣ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар консепсияҳо ва барномаҳои стратегии давлатӣ, ба монанди: фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 апрели соли 1997, № 691 «Дар бораи сиёсати ҳуқуқӣ ва таъмини тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 августи соли 1997, №383 «Дар бораи баъзе чораҳои беҳтар намудани тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон ва кори ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, № 94 «Дар бораи тасдиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018,

№1005 «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» ва «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, таҳти рақами №599 тасдиқ карда шудаанд.

Дар шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бошад, мавзуи таҳқиқотӣ барои солҳои 2025-2029 «Асосҳои назариявӣ - методологии тарбияи ҳуқуқӣ дар партави амалисозии консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2025-2029)» аз ҷониби Шурои ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои бунёдӣ ва амалӣ барои панҷ соли оянда тасдиқ шудааст ва амалӣ намудани чунин таҳқиқотҳо вобаста ба соли маърифати ҳуқуқӣ эълон кардани соли 2024 низ барои гузаронидани чунин таҳқиқотҳо як такони бузурге мебошад.

Бинобар ин асосҳо, ба хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии анҷомдодаи Қодирзода Ғолиб Нурулло дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст, аз рӯйи мавзуъ, нақша ва мазмун ба ихтисос ва самти илм мувофиқ мебошад.

**Мубрамияти мавзуи рисолаи илмӣ.** Мавзуи ба тақриз пешниҳодшуда масъалаи муҳим ва мубрам дар илми ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад. Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд яке аз мавзуъҳои муҳимми илмӣ ба шумор меравад ва ба таҳлилӣ ҳамаҷонибаи илмӣ ниёз дорад. Мубрамияти мавзуъро муаллиф дуруст арзёбӣ намуда, чунин ибрози андеша намудааст: «Дар шароити демократикунонии васеи ҷомеа, ташаккул додани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозои замон мебошад. Ташаккули шуури

ҳуқуқии кормандон ба барқарорсозии фазои маънавӣ, равонӣ ва маърифатӣ дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии мусоидат менамояд» (с. 7).

Мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд».

Вобаста ба ин, кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ки ҳамеша бо ҷомеа сару кор доранд, бояд донанд, ки ҳуқуқи инсонро ба ғайр аз санадҳои миллӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ низ танзим менамоянд, ки Тоҷикистон иштирокчии бевоситаи онҳо мебошад, аз ҷумла, Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид аз соли 1945, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948; Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ аз соли 1965 (11.01.1995 Тоҷикистон эътироф намудааст); Паймони байналмилали оид ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ аз соли 1966 (04.01.1999 Тоҷикистон эътироф намудааст); Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1966 (04.01.1999 Тоҷикистон эътироф намудааст); Конвенсия дар бораи барҳам додани тамоми шаклҳои табъиз нисбати занон аз соли 1979 (26.10.1993 Тоҷикистон эътироф намудааст); Конвенсияи зидди шиканҷа ва дигар намудҳои муносибат ва ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ё таҳқиркунандаи шаъну шараф аз соли 1984 (11.01.1995 Тоҷикистон эътироф намудааст); Конвенсия дар бораи ҳуқуқи кӯдак аз соли 1989 (26.10.1993 Тоҷикистон эътироф намудааст); Конвенсияи байналмилалӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои ҳамаи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо аз соли 1990 (08.01.2002 Тоҷикистон эътироф намудааст), Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои маъюбон аз соли 2006 (22.03.2018 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидааст), мебошанд.

Аз ин рӯ, донистани мазмун ва моҳияти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дуруст дар ҳаёт татбиқ намудани муқаррароти қонунгузорӣ, муносибат бо аҳли ҷомеа аз кормандони мақомоти корҳои дохилӣ талаб менамояд, ки ҳамеша донишу малакаи баланди ҳуқуқӣ ва омодагии баланди касбии худро тақвият бахшанд. Намунаи ибрат будан, одоби ҳамида доштани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз дигарон бояд тафовут гузорад, чунки онҳо намояндаи ҳокимият буда, симои давлатро муаррифӣ менамоянд ва халқ ба онҳо ҳамчун муҳофизи худ боварӣ дорад.

Корманди мақомоти корҳои дохилӣ бояд донад, ки натиҷаи фаъолияти ӯ аз ҷониби аҳолӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Ӯ бояд дар назар дошта бошад, ки вазифаваи худро поквиҷдонона дар доираи қонун иҷро намояд ва натиҷаи фаъолияти онро на танҳо аз шумораи ошкор намудани ҷиноят ва тартиб додани протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин аз кор бо аҳолӣ низ баҳо медиҳанд. Ҳамкории кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа ин фаъолияти мутақобила ва ташаббускорона буда, бо мақсади ҳалли вазифаҳо вобаста ба дастрасии хизматрасонии милитсия ба ҷомеа, таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пешгирӣ, ошкор намудан ва кушодани чиноят, дигар ҳуқуқвайронкуниҳо ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ равона гардидааст.

Ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои худ оид ба таъмини тартиботи ҳуқуқӣ бояд шарафи инсонӣ эҳтиром ва ҳифз гардида, ҳуқуқи инсон дар муносибат бо ҳама шахсон дастгирӣ карда шавад. Корманди мақомоти корҳои дохилӣ бояд новобаста аз ҳолати бавуҷудомада нисбати ҳар як шахс (шахси гумонбар, ҷабрдида ва мурочиаткунанда) бо эҳтиромона дар асоси қонун муносибат намояд.

Асоси назариявии таҳқиқоти илмии Қодирзода Ғ.Н. асарҳои муаллифоне гардидаанд, ки онҳо ба ҳуқуқ, фалсафа, психология ва сотсиология машғуланд. Инҳо асосан асарҳои олимони соҳаи назарияи умумии ҳуқуқ ва илмҳои соҳавии ҳуқуқ оид ба проблемаҳои назария ва методологияи шуури ҳуқуқӣ, баамалбарории ҳуқуқ ва фаъолияти татбиқи ҳуқуқ мебошанд.

Аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти анҷомдодаи Қодирзода Ғ.Н. бо интихоби ҷанбаҳои проблемавии кам омӯхташудаи мутаносибии сатҳҳои шуури ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ, инчунин муносибат нисбат ба равшан кардани проблематикаи таҳқиқот муайян карда мешавад. Аз мавқеъҳои анъанавӣ дар сохтори шуури ҳуқуқӣ, идеологияи ҳуқуқӣ ва психологияи ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд.

Таҳқиқоти илмии анҷомдодаи Қодирзода Ғ.Н. фарогири доираи падидаҳои ба мавзуи болозикр алоқаманд буда, метавонад дар оянда замина барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ гардад. Ҳамзамон таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ҷиҳати рушд ва такмили қонунгузории соҳавӣ дар самти фаъолияти кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мусоидат менамояд.

**Заминаҳои методологии таҳқиқоти анҷомдодашуда мутобиқ ба талаботи рисолаҳои илмӣ.** Асоси методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ ташкил додаанд. Муаллиф дар диссертатсия усулҳои умумии фалсафӣ ба монанди усулҳои диалектикӣ, низомнок, функсионалӣ ва таҳлилӣ истифода намудааст. Инчунин, усулҳои махсуси таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ низ истифода гардидаанд.

Муаллиф асоси методологии таҳқиқро дуруст истифода намудааст. Зеро бо мақсади омӯзиши ҳамаҷонибаи шуури ҳуқуқии касбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар баробари истифодаи усулҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, назариявӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ муаллиф аз усули эмпирикӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои мушаххаси сотсиологӣ истифода гардидааст. Дар баробари ин, таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ, ки муаллиф анҷом додааст, ба усулҳои зерини таҷрибавӣ асос ёфтааст: пурсиш (пурсиши хаттӣ), мусоҳиба (пурсиши шифоҳӣ) ва ғайра. Умуман, дар таҳқиқоти мазкур усулҳои илмӣ мақсаднок истифода карда шуда, ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои мукаммали илмӣ мусоидат намудаанд.

**Дарачаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешавад.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. аввалин таҳқиқоте мебошад, ки дар он масъалаи ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири навгониҳои илмӣ буда, он бо забони тоҷикӣ дар шароити ислоҳоти соҳа ва ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таълиф гардидааст. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари масъалаҳои мафҳум, сохтор ва функсияи шуури ҳуқуқӣ, ҳамзамон роҳҳои ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ аз ҷониби муаллиф мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шуда, таклифу пешниҳодҳои муфид манзур гардидаанд.

Ба андешаи Қодирзода Ғ.Н. баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд муҳим мебошад. Муаллиф бар он назар аст, ки сатҳи баланди шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ асосии амалисозии вазифа ва мақсади давлати ҳуқуқбунёд буда, ҷиҳати таҳкими қонуният, татбиқи ҳуқуқ ва тартиботи ҳуқуқӣ замина мегардад. Иброз мегардад, ки пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо, ҳимояи манфиатҳои ҷамъият, давлат, ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон аз сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ вобаста мебошад.

Муаллиф дар боби якуми рисола мафҳум, сохтор ва функсияи шуури ҳуқуқро баррасӣ намуда, ҳамзамон муҳиммияти шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро дар шароити ташаккулёбии давлати ҳуқуқбунёд мавриди таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Инчунин дар боби мазкур таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимми ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ ва муҳиммияти истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ дар

ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд муҳим арзёбӣ гардидааст. Ҳамзамон нақши ислоҳоти милитсия дар Тоҷикистон дар ташаккулёбии шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди баррасӣ ва таҳқиқи илмӣ қарор дода шудааст.

**Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Нақша, масъалагузорӣ, пайдарҳамии мантиқии раванди таҳқиқот нишон медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур кори мустақилонаи муаллиф буда, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида ва тавсияҳои амалӣ аз нигоҳи илмӣ асоснок мебошад.

Муаллиф нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро бо назардошти таҳлилҳои назариявӣ, амалӣ, натиҷаҳои ҳисоботи оморӣ, назарсанҷӣ ва методҳои муқоисавӣ, оморӣ ва низомнок асоснок намудааст, ки дорои баҳои баланди илмӣ мебошанд.

Махсусан, нуктаҳои 1, 4 ва 5-уми ба ҳимоя пешниҳодшудаи таҳқиқоти пешниҳоднамудаи Қодирзода Ғ.Н. бо дарназардошти таҳлил намудани таснифи функсияҳои шуури ҳуқуқӣ, дар баробари дигар функсияҳо, инчунин функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд, ки тибқи он функсияи инсондӯстии шуури ҳуқуқӣ – маҳз дар натиҷаи аз худ намудани донишҳои ҳуқуқӣ, талаботу арзишҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, дар асоси он эҳтиром ба инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ ба вуҷуд меояд. Тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро муаллиф як раванди мунтазам, низомнок, муташаккилона ва мақсаднок шуморида, ки онро аз ҷониби субъектони дахлдор ва ё бо роҳи худтарбиякунӣ баҳри ташаккули шуури ҳуқуқии касбӣ амалӣ арзёбӣ менамояд.

Муаллиф тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро раванди бонизоми фаъолият мешуморад, ки он аз рӯйи нақша ва барномаҳои таълимии пешакӣ муайянгардида, амалӣ карда мешавад. Дар раванди тарбияи ҳуқуқӣ муҳлати таҳсил, номгӯи фанҳои таълимӣ, ки бояд

аз худ карда шаванд, намуди машғулиятҳо, шаклҳои назорат ва дигар ҷанбаҳои ин раванд бояд муайян карда шаванд.

Муаллиф дуруст хулосабарорӣ менамояд, ки тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ раванди фаъолияти муташаккилона буда, аз муассисаҳои таълимӣ оғоз гардида, дар таҳи фаъолият дар сохторҳои дигари он амалӣ мегардад. Ба андешаи ӯ дар раванди тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифодаи дуруст ва самараноки усулҳои боваркунонӣ, ҳавасмандгардонӣ ва маҷбуркунӣ ба мақсад мувофиқ буда, тарбияи ҳуқуқии низомнок, мақсаднок ва мунтазам роҳандозӣ гардида, ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ имконият медиҳад, ки онҳо дорои сатҳи баланди шуури ҳуқуқии касбӣ гардида, дар риоя ва иҷрои қонуният устувор бошанд, аз иҷрои вазифаҳои хизматии худ ба хубӣ бароянд ва сатҳи шаклдигаркунии шуури ҳуқуқӣ дар байни онҳо коҳиш ёбад. Ӯ тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилиро, инчунин дар шакли худтарбиякунӣ муҳим арзёбӣ намуда, иброз менамояд, ки дар асоси он корманд вобаста ба рушди ҷомеа, раванди ҷаҳонишавӣ, қабул ва тағйиру иловаҳои воридгардида дар қонунгузории амалкунанда пайваста маълумот пайдо намуда, шуури ҳуқуқии худро такмил медиҳанд (с. 115).

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои илмие, ки ҳангоми муҳокимаву таҳлили таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба даст омадааст, метавонад ҳамчун замина ва сарчашма барои дигар таҳқиқотҳои илмӣ истифода гардад. Аз хулосаҳое, ки зимни анҷом додани таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод гардидааст, ҳангоми омодасозии барнома, воситаҳои таълимӣ метавон васъ истифода намуд.

Хулоса, нуктаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия пешбинӣ шудаанд, метавонанд дар таҳияи барномаҳо, стратегия ва консепсияҳои сатҳи идоравӣ ва давлатӣ, дар раванди таълим ва тарбияи ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар шароити ташаккулёбии давлатӣ ҳуқуқбунёд истифода шаванд. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда,

метавонанд ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар раванди таҷрибаомӯзӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва таълими фанҳои «назарияи давлат ва ҳуқуқ», «таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ», «таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон», ҳамзамон ҳангоми навиштани реферату, рисолаҳои хатм, магистирӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода гарданд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. ҷиҳати рушди пояҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад намуд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои илмӣ ва илмии тақризшаванда.** Довталаби дараҷаи илмӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсияшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст.

**Мақолахое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Мансурзода, А.М., Қодирзода, Ғ.Н. Алоқамандии ахлоқ ва меъёри ҳуқуқ: таҳлили мухтасар [Матн] / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. – №3 (47). – С. 36-41. – ISSN 2412-141X.

**[2-М].** Мансурзода, А.М., Қодирзода, Ғ.Н. Нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва пайомадҳои он [Матн] / А.М. Мансурзода, Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. – №3 (55). – С. 37-43. – ISSN 2412-141X.

**[3-М].** Қодирзода, Ғ.Н. Аҳаммияти шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони МКД дар эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ-амалии Донишгохи миллии Тоҷикистон, факултети ҳуқуқшиносӣ. – 2022. – №4 (28). – С. 69-78. – ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Қодирзода, Ғ.Н. Шуури ҳуқуқии нозирони бозрасии давлатии автомобилӣ: назария ва амалия [Матн] / Ғ.Н. Қодирзода // Осори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2024. – №1 (61). – С. 123-130. – ISSN 2412-141X.

**Мутобиқ будани барасмиятдарории таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. ба талаботҳои тартиби додани дараҷаи илми, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳаммаи масъалаҳои аз ҷониби муаллиф баррасигардида кори мустақилона буда, ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида дақиқияти худро дошта, мубрамияти мавзуро боз ҳам асоснок менамояд.

**Автореферати диссертатсияи** Қодирзода Ғ.Н. шакли фишурдаи таҳқиқоти илмӣ буда, дар он мубрамият, навгонӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, инчунин мазмуни фишурдаи таҳқиқот, тавсияҳои назариявию амалӣ асоснок карда шудаанд.

**Ба ҳамаи ин дастовардҳо ва ҷанбаҳои мусбии кор нигоҳ накарда, бояд тазаккур дод, ки таҳқиқоти диссертатсионии Қодирзода Ғ.Н. баъзе эродҳои хусусияти мубоҳисавӣ ҷой доранд, ки асоснокнамоии иловагиро тақозо менамояд:**

1. Муаллиф дар нуктаи 6-уми ба ҳимоя пешниҳодшуда, иброз менамояд, ки «Дар замони муосир ташаккули симои мусбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии онҳо тавассути васоити ахбори омма аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Омода намудан ва пахши кинофилмҳои ҳуҷҷатии фаъолияти шабонарӯзии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар телевизион, радио, шабакаҳои иҷтимоӣ ва матбуоти даврӣ дар ташаккули шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва дар умум аҳолӣ аҳамиятнок мебошанд». Ин

хулосабарориҳои муаллиф якдарача баҳснок мебошанд ва асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

Ба андешаи мо, на ҳама вақт «ташаккули симои мусбии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии онҳо тавассути васоити ахбори омма аҳаммияти махсус пайдо» мекунад. Ташаккули симои мусбӣ ва баланд бардоштани шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, аз натиҷаи фаъолияти босамар, одобу аҳлоқи намунавӣ ва дуруст татбиқ намудани ҳуқуқ дар ҳаёти ҳаррӯза вобастагӣ дорад.

2. Дар диссертатсия муаллиф бамаврид вобаста ба муҳиммияти такмили ихтисос ҳамчун омили ташаккулдиҳандаи шуури ҳуқуқии касбӣ ва фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ибрози андеша намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Аммо дар баробари ин муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳангоми сафарбар гардидан ба вазифаи нав ва ё баъд аз таҷрибаи се соли фаъолият бояд корманд ба такмили ихтисоси ҳатмӣ фаро гирифта шаванд, ҳоло он ки масъалаи мазкур дар Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи ҳалли худро ёфтааст (саҳ. 178 дисс.). Вобаста ба ин масъала шунидани андешаи муаллиф муҳим мебошад.

3. Дар тавсияи амалии чорум муаллиф чораандешӣ намудан дар самти ташаккули шуури ҳуқуқӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва роҳандозии тадбирҳо ҷиҳати коҳиш додани нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеаро ҳамчун самти фаъолияти милитсия пешбарӣ намудааст, аммо оид ба роҳҳои амалинамоии он пешниҳодҳои дақиқ манзур нагардиданд, ки асосноккунии иловагиро тақозо менамояд.

Дар маҷмӯъ, метавон иброз намуд, ки диссертатсияи Қодирзода Ғ.Н. дар мавзуи «Шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд» ба бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ

гардидааст, ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии мустақилона анҷомёфта арзёбӣ гардида, дар он натиҷаҳои нави илман асоснок ба даст омадаанд ва масъалаҳои амиқи илмиро ҳал менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд. Муаллифи диссертатсия Қодирзода Ғолиб Нурулло бошад, барои гирифтани унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Бобоҷонзода И.Ҳ.

Имзои И.Ҳ. Бобоҷонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои ИФСҲ АМИТ Абдураҳмонзода Б.А.

«18» октябри 2024 с.